آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924),
«Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940),
«Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

2 июли соли 2022
Шанбе
№ 53 (14858)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ҶАВОНОНИ МО – НАСЛИ БУНЁДКОРИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар маросими тантанавӣ бахшида ба Рӯзи ҷавонон

Писарону духтарони азиз!

Тамоми насли навраси Ўзбекистони Навро бо иди фархундаи имрӯза – Рӯзи ҷавонон аз сидқи дил муборакбод менамоям.

Бо шумо вохӯрдан, бо орзую нақшаҳои наҷибатон шинос шудан, таклифу ташаббусҳои шуморо шунидан барои ман ҳамеша хурсандибахш аст.

Шуҷоату шавқу саъю кӯшиши шуморо дида, ба чашмони оташинбори шумо нигариста, қувваи беинтиҳо мегирам.

Ман ҳозир бо хонандагони мактабҳои президентӣ ва эҷодӣ, донишҷӯёни донишгоҳи "Ўзбекистони Нав", олимони ҷавон ва ҷавонони эҷодкор, барномасозони IT, варзишгарон ва соҳибкорон суҳбат кардам.

Ман мисли тамоми падару модарон, омӯзгорону мураббиён аз нерӯи баланд, ҷаҳонбинии ҷавонони имрӯзаамон, ташаббускорӣ, тафаккури мустақилона, назари онҳо ба оянда, ба нақши худ ва масъулияти онҳо барои тақдири Ватан шодам.

Дӯстони азизам!

Ҳамаи шумо мебинед, ки вазъияти имрӯзаи ҷаҳон чӣ қадар душвор аст. Ҳар рӯз мо бо таҳдиду мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешавем. Дар чунин шароит мо муттаҳид шуда, ба ирода ва ҷасорати халқамон такя намуда, саъй менамоем ягона роҳи дурустеро, ки ба манфиатҳои миллии Ўзбекистон ҷавобгӯ бошад, пайдо кунем.

**Бо халқи меҳнатдӯсту олиҳиммат, шумо барин ҷавонписарон ва духтарони соҳибмаълумот ва фаъол мо ҳар гуна душвориро, албатта, паси сар мекунем!**

Муҳтарам намояндагони ҷавонон!

Чунон ки маълум аст, мо дар мамлакат низоми тамоман нави кор бо ҷавононро ба вуҷуд овардаем. Дар маҳаллаҳо 9,5 ҳазор нафар пешвоёни ҷавонон ба фаъолият шурӯъ карданд.

То имрӯз барои ҳалли мушкилоти бештар аз 700 ҳазор нафар ҷавонписарону духтарони ба «дафтари ҷавонон» дохилшуда 650 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст.

Дастгирии соҳибкорӣ ва шуғли ҷавонон афзалият гардид. Дар ду соли охир барои амалӣ намудани лоиҳаҳои соҳибкории 174 ҳазор нафар ҷавонон 4 триллиону 400 миллиард сӯм қарзи имтиёзнок ҷудо карда шуд.

Имсол ба 560 ҳазор нафар ҳамсолони шумо, ки қарор додаанд бо деҳқонӣ машғул шаванд, 155 ҳазор гектар замин ҷудо карда, зиёда аз 800 ҳазор ҷойи нави кор ташкил карда шуд.

Тартиби баргардонидани маблағи андози иҷтимоӣ ба соҳибкороне, ки ҷавононро ба кор қабул кардаанд, ҷорӣ карда шуд. Аз ин сабукиҳо 7,5 ҳазор корхонае, ки 715 ҳазор нафар писарону духтарон кор мекунанд, истифода бурданд.

Барои баланд бардоштани сифати таълим бисёр корҳо анҷом дода мешаванд. Ҷуғрофияи мактабҳои нави Ўзбекистони Нав – президентӣ, эҷодӣ ва махсус васеъ мешавад, хонандагони ин мактабҳо дар рафти таълим ба натиҷаҳои баланд ноил мегарданд.

Дар соли таҳсили гузашта ҳамаи 424 хатмкунандаи мактабҳои президентӣ ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуданд. Боиси хушнудист, ки 102 нафар ё 24 фоизи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии бонуфузи хориҷӣ таҳсил мекунанд.

Дар давоми ду соли охир ба воситаи Фонди «Эл-юрт умиди» 400 нафар писарону духтарон ба беҳтарин мактабҳои олии хориҷӣ фиристода шуданд. Ҳамин тариқ, Ламия Худоёрова аз Тошканд ба Донишгоҳи Оксфорд, Расулбек Баҳодиров аз Бухоро ба Донишгоҳи Лондон ва Нилуфархон Рӯзиева аз Самарқанд ба Донишгоҳи Чикаго дохил шуданд.

Ва ин гуна мисолҳо дар ҳар минтақа кам нестанд.

Танҳо дар давоми як соли охир ҷавонони боистеъдоди мо дар олимпиадаҳои фаннии байналхалқӣ 255 медал ба даст оварданд.

Илова бар ин, имсол 382 варзишгари Ўзбекистон дар мусобиқоти бузурги байналмилалӣ 419 ҷоиза ба даст оварданд. Нодирбек Абдусатторов ва Умида Омонова дар риштаи шоҳмоти тез, Зуҳриддин Қодиров қаҳрамони ҷаҳон оид ба шамшербозӣ, футболбозони то 23-солаи мо соҳиби медали нуқраи чемпионати Осиё гардиданд.

Ифтихор дорам, ки дар мамлакати мо чунин ҷавонписарон ва духтарони боистеъдод, мақсаднок ҳастанд ва ба падару модарон, устодону мураббиёни онҳо миннатдории махсус баён мекунам.

Бешубҳа, чунин писарону духтарони халқи мо фонди тиллоии он — бунёдкунандагони Эҳёи Сеюм мебошанд. Ҷавонони фидокор, донишманд, соҳибақл ва ба Ватани худ содиқ –ояндаи Ўзбекистони нав бояд барои ҳама намуна гарданд.

Писарону духтарони азиз!

Ман ҳар дафъа ба мулоқот бо шумо тайёрӣ дида, ба худ чунин савол медиҳам: барои боз ҳам пурратар ва баркамол инкишоф ёфтани ҷавонон, ки фардои мо ба онҳо вобаста аст, чӣ гуна шароиту имкониятҳо фароҳам овардан лозим аст?

Имрӯз дар форум ман пешниҳодҳои худро, ки ба дастгирии ҷавонони Ўзбекистон нигаронда шудааст, баён менамоям.

Пеш аз ҳама имкониятҳои азхуд кардани донишу касбҳои замонавиро васеъ мекунем.

Тавре маълум аст, кор оид ба низоми «дафтари ҷавонон», ки бо мақсади ҳалли мушкилоти шаҳрвандони аз 18 то 30-солаи мо ҷорӣ шудааст, натиҷаҳои мусбат медиҳад. Аммо набояд фаромӯш кард, ки ҷаҳонбинии ҷавонон, шавқу рағбати онҳо ба касбу кори муайян аз синни 14-солагӣ, яъне аз курсии мактаб ташаккул меёбад.

Аз ин рӯ, минбаъд қариб 3 миллион нафар писарону духтарони 14-17-сола метавонанд аз имтиёзу сабукиҳо, ки дар «дафтари ҷавонон» пешбинӣ шудааст, истифода баранд. Теъдоди ин имтиёзу сабукиҳо аз 11-тои мавҷуда ба 25 адад расонида мешавад. Аз ҷумла, барои азхудкунии касбу кори замонавӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ ба ҳар нафаре, ки ба ин дафтар ворид шудааст, ҳар моҳ ба миқдори 1 миллиону 200 ҳазор сӯм субсид дода мешавад.

Инчунин, барои машғулияти ин тоифаи ҷавонон дар маҳфилҳо оид ба самтҳои илму варзиш, санъат ва маданият тӯли 6 моҳ 300 ҳазор сӯмӣ пул дода мешавад. Барои хароҷоти иштирок кардан дар олимпиадаҳои маҳаллии ин соҳаҳо 1 миллиону 200 ҳазор сӯм ва дар олимпиадаҳои байналхалқӣ 12 миллион сӯм ҷудо карда мешавад.

Давлат хароҷоти харидани либоси мактабӣ ва асбобу анҷоми хонишро барои фарзандони оилаҳое, ки ба дафтарҳои «оҳанин», «занон» ва «ҷавонон» дохил шудаанд, соле як маротиба ба зимма мегирад.

Боз як навгонии муҳим: ба мақсади дастгирии минбаъдаи ҷавонон, ки ба санъати мусиқӣ шавқу рағбати калон доранд, аз соли таҳсили 2022-2023 сар карда миқдори пули шартномаи донишҷӯёне, ки ба самти «иҷрои мақом», «иҷрои асбобии мақом» ва «санъати бахшигӣ» қабул шудаанд, пурра аз тарафи давлат ҷуброн карда мешавад. Қабул ба тайёр кардани иҷрокунандагон дар фортепиано 3 баробар зиёд карда, маблағи шартномаи таълим низ пурра пӯшонда мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ҶАШНИ ИДИ ҚУРБОН

Бо мақсади нигоҳдорӣ ва васеъ тарғиб намудани чунин анъана ва арзишҳо, мисли инсонпарварӣ, некӣ ва шафқат, эҳсоси шукргузорӣ, ки дар моҳияти Иди қурбони муқаддас таҷассум ёфта, яке аз ҷашнҳои қадимӣ ва нотакрори мардумамон ба шумор меравад ва ҳамчунин муносиб ҷашн гирифтани ин иди бузург дар мамлакатамон:

1. Бо ба эътибор гирифтани қарори Шӯрои уламои Идораи мусулмонони Ўзбекистон дар бораи соли ҷорӣ ба 9 июл (шанбе) мувофиқ омадани рӯзи якуми Иди қурбони соли ҷорӣ, 9 июли соли 2022 дар мамлакатамон чун Иди қурбон васеъ ҷашн гирифта шавад.

Ба маълумот гирифта шавад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 20 декабри соли 2021 №ФП-35 «Дар бораи барқарор намудани рӯзҳои иловагии ғайрикорӣ дар давраи ҷашн гирифтани санаҳои расмӣ ва иваз намудани рӯзҳои истироҳати соли 2022» 11-12 июли соли 2022 рӯзҳои ғайрикорӣ муқаррар карда шудаанд.

2. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Кумитаи оид ба корҳои дин, Вазорати дастгирии маҳалла ва насли куҳансол ва инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ чорабиниҳои марбутро бобати баргузор намудани Иди қурбон бинобар анъанаҳои миллӣ ва динии халқамон ба амал оранд.

3. Вазорати сайёҳӣ ва мероси маданӣ якҷоя бо Вазорати нақлиёт барои ҳамватанонамон дар рӯзҳои Иди қурбон ташкил намудани боздидҳо аз маконҳои муқаддас ва зиёратӣ шароит ва имконоти муносибро фароҳам оваранд.

4. Ба Ширкати миллии телерадиои Ўзбекистон, Агентии миллии ахбори Ўзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан намудани чорабиниҳое, ки бо ҷашни Иди қурбон алоқаманданд, тавсия карда шавад.

5. Баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бинобар илова беэътибор ҳисобида шаванд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н .Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон М. М. Комилов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 1 июли соли 2022.*

Пас аз ташрифи Президент...

*Ба ҳамагон маълум аст, ки 17 июни соли ҷорӣ роҳбари давлат ба Маркази гематология, онкология ва клиникаи иммунулогияи бачагон ташриф оварда буд. Президент бо бачаҳое, ки муддати тӯлонӣ дар ин ҷо муолиҷаи статсионарӣ мегиранд, инчунин бо муассисаи давлатии таълими томактабии “Меҳрли мактаб”-и тасарруфи Вазорати таълими халқ шинос шуда буд. Бачаҳои бемор ба Президент мактуб навишта, шахсан ба ӯ супурда буданд.*



# МАКТАБИ МЕҲР ВА САХОВАТ

Ба қарибӣ бахшида ба Рӯзи ҷавонон Президент ба мактубҳои бачагони бемор ҷавоб фиристонд ва дар мактаби номбурда ба ин муносибат чорабинии бошукӯҳ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ роҳбарони масъули маъмурияти Президент, вазоратҳои ҳифзи тандурустӣ, корҳои дохилӣ ва рушди спорт иштирок карданд. Аз ҷониби Агентии кор бо ҷавонон ва Фонди мақсадноки дастгирии маънавият ва эҷод ба бачаҳои бемор туҳфаҳои гуногун ва маҷмӯи китобҳои бадеӣ тақдим гардид.

Бояд ёдовар шуд, ки дар асоси қарори роҳбари давлат “Дар бораи боз ҳам такмил додани хидмати гематологӣ ва онкологӣ ба аҳолӣ” аз 27 майи соли 2021, самти гематология ва онкологияи бачагона аз шифохонаи умумӣ ҷудо карда шуда, ба маркази алоҳида табдил дода шуд ва ба бинои нав кӯчонда шуд. Марказ ба 160 ҷой пешбинӣ шудааст ва алҳол дар ин ҷо 101 нафар бачагони бемор муолиҷа мегиранд. Барои беморон ва падару модари онҳо шароити қулай офарида шудааст. Беш аз 130 нафар табиб, аз ҷумла, 38 нафар ходими илмӣ ва даҳҳо нафар ҳамшираи шафқат бо корҳои муолиҷа машғул мебошанд.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки ҳар як мактуби бачаҳои беморро худи Президент кушода хонданд. Аз ҷумла, бемор Алан Маратови 8-сола аз шаҳри Нукус дар мактубаш навиштааст, ки мехоҳад бо Президент вохӯрад. 17 июни соли ҷорӣ Алан бо Президент вохӯрд ва роҳбари давлат ба ӯ маҷмӯи китоб ва планшет туҳфа намуд.

Бемор Дилноза Саидхӯҷаеваи 16-сола аз ноҳияи Яшнободи шаҳри Тошканд дар мактубаш изҳор дорад, ки мехоҳад дар Институти рассомии миллӣ ва дизайни ба номи Камолиддин Беҳзод таҳсил гирад. Дар чорабинӣ ректори донишкадаи мазкур сертификати донишҷӯиро ба духтарак супорид. Вай метавонад аз оғози соли хониши 2022-2023 дар асоси гранти давлатӣ дар ин муассиса таҳсил гирад. Ба Руслан Насибуллини 10-сола, Бекзод Тӯлибоеви 15-сола, Муниса Содиқоваи 4-сола, Хушнуд Изатбоеви 12-сола, Ҳаётбек Юсуфови 8-сола маҷмӯи китоб ва якдонагӣ планшет туҳфа карда шуданд. Саидакбар Ҳамидуллоеви 15-сола аз ноҳияи Учтепаи шаҳри Тошканд дар мактубаш навиштааст, ки мехоҳад ягон бача бемор нашавад. Дар ин марказ саломатиаш рӯ ба беҳбудӣ меоварад. Аз ноҳияи Бектемири шаҳри Тошканд Диёрбек Абдуқосимови 12- сола менависад: ”Сураткаширо дӯст медорам, дар оянда орзу дорам ходими корҳои дохилӣ шуда, ба Ватанам хидмат намоям».

Намояндаи Вазорати корҳои дохилӣ ба Диёрбек гувоҳномаи узвият ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Ўзбекистонро ботантана супорид.

– Писари ман як сол боз дар ин ҷо муолиҷа мегирад, доруву дармон, хӯрок ройгон аст. Табибон бо суханҳои меҳрубононаи худ низ ба дили мо таскин мебахшанд. Ман худ зодаи деҳаи Синтаби ноҳияи Нурато мебошам. Ба ноҳияи Зафарободи вилояти Ҷиззах ба шавҳар баромадам. Писарам ба ин беморӣ чӣ тавр гирифтор шуд, намедонам. Ба роҳбари давлатамон аз номи модарони кӯдакони бемор изҳори миннатдорӣ мекунам. Модар ҳамон вақт худро хушбахт меҳисобад, ки фарзандаш солиму комил ба воя расад, – гуфт ҳангоми суҳбат модари Хушнудҷон Моҳира Турсунова.

Оре, меҳр, мурувват, саховат яке аз фазилатҳои беҳтарини инсон аст. “Инсон бандаи эҳсон аст” гуфтаанд бузургони мо.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**

# ПРЕЗИДЕНТ БА НОМАИ ДУХТАРИ БЕМОРИ НАМАНГОНӢ ҶАВОБ ГАРДОНД

***17 июни соли ҷорӣ Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми шиносоӣ бо фаъолияти Маркази бачагонаи гематология, онкология ва иммунологияи клиникӣ ба номи худ мактубҳоеро гирифт, ки аз ҷониби бачаҳое, ки дар ин муассисаи тиббӣ муолиҷа мегирифтанд, навишта шуда буд. Роҳбари давлат гуфт, ки ҳамаи мактубҳоро мехонад ва албатта ҷавоб медиҳад.***

Дар байни ин мактубҳо паёме ба номи Президент буд, ки аз ҷониби Марҷона Муродуллоева аз ҷамоати шаҳрвандони «Ғалаба»-и ноҳияи Янгиқӯрғони вилояти Наманган навишта шуда буд. Шавкат Мирзиёев ба ин мактуб ҷавоб навишт.

Ҳокими вилояти Наманган Шавкат Абдураззоқов аз хонаводаи Марҷона боздид намуда, мактуби ҷавобии Президентро қироат кард.

Ҳамзамон проректор оид ба корҳои таълими Донишгоҳи давлати шарқшиносии Тошканд Авазбек Воҳидов орзуи Марҷонаро қариб ҷомаи амал пӯшонд, ки ӯ дар номааш навишта буд – проректор ба ӯ сертификатро дар бораи қабул гардидан ба донишҷӯии донишгоҳ супурд.

Марҷона ашки шодии худро ниҳон карда натавонист. Шодии самимӣ қалбҳои падару модари ӯро низ лабрез намуданд, ки дар тӯли чандин моҳ барои саломатии ӯ мубориза мебаранд.

**ЎзА.**

# ГИРОМИДОШТИ СОБИҚАДОРОНИ МЕҲНАТ

***Дар ҳамаи корҳо ба маслиҳату раҳнамоии мӯйсафедон такя кардан мизони рӯзгори мост. Бо мақсади ба ҳаёт татбиқ кардани қарори Президент аз 15 марти соли 2022 «Дар бораи чораҳои иловагии дастгирии ҳаматарафаи нурониён, беҳтар намудани сатҳи зиндагии онҳо» дар Бухоро тадбири маърифатӣ ба амал омад.***

Дар он собиқадорони меҳнат, наздикони онҳое, ки баҳри беҳбудии рӯзгорамон хидматҳои шоиста кардаанд, намояндагони марказҳои миллию маданӣ, меҳмонони хориҷӣ, ҷавонон, фаъолони маҳалла ва вакилони ҷамоатҳо иштирок карданд. Ҳокими вилоят Ботир Зарифов ба сухан баромада, дар бораи мавқеи собиқадорони меҳнат дар ҷамъият, эътирофи хидматҳои онҳо, кӯмаки иҷтимоии солхӯрдагон ва ғайра таваққуф намуда, ба ҷо овардани эҳтиром нисбат ба эшонро ҳамчун арзиши қадимӣ ва анъанаи ба худ хоси халқи мо таъкид кард. Ҳоло дар вилоят қариб 202 ҳазор нафар куҳансолон аз ҷумла, бештар аз 20 ҳазор нафар мӯйсафедони ногиро, 15 нафар иштироккунандагони Ҷанги дуюми ҷаҳон, 419 нафар собиқадорони меҳнат, 24 нафар синнашон аз 100 боло умр ба сар мебаранд. Ҳокими вилоят зимни суханрониаш номи онҳоеро, ки баҳри тараққиёти Ватан, аз ҷумла, вилоят хидмати шоиста карда сазовори обрӯю эътибор гардидаанд, қаҳрамонҳои Ўзбекистон ва меҳнатро батафсил ба забон гирифт. Дар тадбир аз ҳаёти намунавии собиқадорони меҳнат лавҳаҳо намоиш дода шуд. Баъзе иштироккунандагони ҷамъомад ба сухан баромада, барои ғамхориҳои беназир ба сарвари давлат арзи эҳтиром карданд. Барномаи консертии устодони санъат ба иштироккунандагони тадбир ғизои маънавӣ бахшид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Муносибат

# ДИГАРГУНИҲОИ ИМРӮЗА – АСОСИ ОЯНДАИ ДУРАХШОН

***Пешниҳоди зиёди сарвари давлатамонро оид ба дохил намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия шунида, ба чунин хулоса омадам, ки дар заминаи ҳар яки он ҳадафи ягона, гиромидошти инсон, розигии он аз ҳаёти имрӯза, ҳисси боз ҳам дурахшон намудани ҳаётамон муҷассам аст.***

Ин раванди сиёсие, ки бо ташаббуси Президентамон оғоз ёфтааст, барои саъю кӯшишҳои пурҷӯшу хурӯш, ба мисли фароҳам овардани шароити ҳамаҷониба барои бахту саодати мардум, некӯаҳволии имрӯзаи онҳо, ҳаёти ободи наслҳои оянда ҳамчун замина хидмат мекунад. Дар он ҷойе, ки сулҳ ҳаст, он ҷо рушду осоиштагӣ ҳаст.

Дар кишвари сермиллати мо ба ин масъала низ дар сатҳи сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки намояндагони миллату қавмҳои гуногун аҳлу тифоқ зиндагонӣ мекунанд. Мустаҳкам будани муносибатҳои дӯстонаи мо бо мамлакатҳои хориҷӣ, хусусан бо кишварҳои ҳамсоя зуҳуроти амалии ҷидду ҷаҳди мо дар ин соҳа мебошад.

Дар панҷ-шаш соли охир ба муносибатҳои байни миллатҳо ҳам диққати махсус дода шуд. Рафту омади байни давлатҳо мустаҳкам гардид. Аз ҷумла, сафарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари мо ва ё сафари сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистони ҳамсоя боиси ба роҳ мондани алоқаҳои мустаҳками байни ду халқи бародар дар тамоми соҳаҳо мегардад.

Дар пойтахтамон боғи «Дӯстӣ» барпо карда шуд, ки ин барои миллатҳои гуногун як макони аҷиб буда, онҳоро дар як ҷо ҷамъ кард. Идомаи ин корҳо дар вилоятҳо низ ҳамин гуна «Хонаи дӯстӣ» ташкил карда шуд. Инчунин, маскани зебои ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган, ки дорои тамоми қулайи ва шароитҳо мебошад, намояндагони миллатҳои гуногунро ба оғӯш гирифт. Гарчанде забон, дин, санъат, маданият ва анъанаҳои миллӣ гуногун аст, халқҳоро бо мақсадҳои муштарак муттаҳид намуданд. Бемуболиға гуфтан мумкин аст, ки дар Конститутсияи нав ба ин масъала ҳамчун зуҳуроти амалии таҳаммулпазирӣ ва инсонпарварӣ диққати махсус дода шудааст.

Аз ин 30 сол пеш дар қабули якуми лоиҳаи Конститутсия, дар маросимҳо низ иштирок доштам. Замон бошиддат тағйир меёбад. Давраи болоравии соҳаҳои сиёсию иҷтимоӣ оғоз ёфт. Зеро, тартиби нав дар Ўзбекистони Нав тақозои замон аст. Қариб 300 ҳазор нафар шаҳрвандони тоҷики вилояти мо дар ҳама соҳаҳо барои ободии кишварамон, бунёди зиндагии озоду обод паҳлӯ ба паҳлӯ истода заҳмат мекашанд, барои рушди мамлакат, гул-гулшукуфии он бо ҳисси дахлдорӣ зиндагонӣ мекунанд.

**Абдусаттор ҒАФУРОВ,**
**раиси Маркази миллии маданиии тоҷикони вилояти Наманган, дорандаи ордени «Дӯстӣ».**

# ҶАВОНОНИ МО – НАСЛИ БУНЁДКОРИ ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Қабул ба техникумҳо соле ду маротиба гузаронда мешавад, шумораи грантҳои давлатӣ ду баробар зиёд мешавад. Инчунин барои таҳсил дар техникумҳо қарзи таълимӣ дода, барои додани қарзҳо ба зиёда аз 80 ҳазор нафар писарону духтарон маблағҳои молиявӣ ҷудо карда мешаванд.

Мувофиқи ҳисобу китоб имрўз барои тайёр кардани як мутахассиси IT камаш як сол ва то 20 миллион сўм маблағ сарф мешавад. Дар баробари ин, мутахассиси хуб метавонад дар давоми 2-3 моҳ як барнома офарида, тамоми хароҷотро пўшонад.

Ба ҷавононе, ки дар муассисаҳои таълими хусусӣ технологияҳои IT-ро (барномасозӣ, веб-дизайн, аниматсия) омўхтан мехоҳанд, инчунин то 20 миллион сўм воми имтиёзноки 4-сола дода мешавад.

Вақтҳои охир талабагони мактабҳои ноҳияҳои дурдаст низ дар донистани забонҳои хориҷӣ натиҷаҳои хуб нишон медиҳанд. Мо бояд ин гуна ҷавонписарону духтаронро аз ҳар ҷиҳат рўҳбаланд кунем.

Ҳамин тариқ, 70 нафар донишҷўёне, ки дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ натиҷаҳои баланд ба даст овардаанд ва 14 нафар омўзгорон аз ҳисоби давлат ба Британияи Кабир сафар мекунанд.

Писарону духтарони азиз!

Ҳоло дар асоси низоми нави кор бо ҷавонон, ки дар мамлакати мо ҷорӣ карда шудааст, «балански ҷавонон» ташаккул ёфт, ки зиёда аз 8 миллион нафар ҷавононро фаро гирифтааст. Мувофиқи он ҳоло дар ҷумҳурӣ 1 миллиону 200 ҳазор нафар писарону духтарони бекор ҳастанд. Аз ин 850 ҳазор нафарашон дар ҷустуҷўйи кор мебошанд.

Аз ҳама муҳимаш, низоме ба вуҷуд оварда шудааст, ки дар он маълумот дар бораи шавқу рағбат, майли касбӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ ва мушкилоти ҷавонон ҷамъ оварда мешавад.

Имсол ба бозори меҳнат 404 ҳазор нафар ҷавонписарону духтароне, ки муассисаҳои маълумоти миёна, 151 ҳазор нафар муассисаҳои таълими касбӣ-техникиро хатм кардаанд, дохил мешаванд. Бо кор таъмин намудани онҳо вазифаи муҳимтарин мебошад. Аз ҷумла, дар давоми сол аз ҳисоби ҷудо намудани 4 триллион сўм барои дастгирии барномаҳои рушди соҳибкорӣ 220 ҳазор нафар ҷавонон бо ҷойи кор таъмин хоҳанд шуд. Ба 130 ҳазор нафар ҷавонписарон ва духтарон барои азхуд кардани касбу ҳунари ҳозиразамон ва малакаи пеш бурдани тиҷорат 160 миллиард сўм субсид ҷудо карда мешавад. Зиёда аз 110 ҳазор нафар ҷавонон ба ҷойҳои холии корхонаҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ба кор ҷойгир карда хоҳанд шуд. Инчунин ба ҷавонон барои татбиқи лоиҳаҳои тиҷорат 250 миллиард сўм субсид ва ҷубронпулӣ дода хоҳад шуд.

Дар баробари ин фаъолияти ҷавононро дар соҳаи кишоварзӣ ба таври мунтазам ҳавасманд мегардонем. Ҳамин тариқ, мо дар мисоли кластери токпарварии Олтиариқ дар 70 ноҳияи ҷумҳурӣ кластерҳои кишоварзии ҷавонон ташкил намуда, 400 ҳазор нафар писарону духтаронро бо ҷойи кор таъмин хоҳем кард.

Ҳокимони вилоят, ноҳия ва шаҳрҳо дар мулоқот бо ҷавонон ин нақшаҳоро дар минтақаҳо муфассал баррасӣ намуданд. Акнун ҳар сол дар охири соли хониш барои таъмини шуғли ҷавонон барномаи алоҳида кабул карда мешавад.

Писарону духтарони азиз!

Пурмазмун ташкил кардани вақти холии ҷавонон, албатта, кори осон нест. Дар ин самт дар чаҳорчўби панҷ иқдом барои ба рўи об баровардани истеъдод ва маҳорати зиёда аз 6 миллион нафар писарону духтарони маҳаллаҳо, бахусус ҷавонони номуташаккил, олимпиада ташкил карда шудааст. Дар чорабинии имрўза 345 нафар ғолибони ин олимпиада иштирок доранд.

Акнун, агар пешниҳоди маро дастгирӣ кунед, «Олимпиадаи панҷ ташаббус» соле ду маротиба барпо мегардад.

Масъалаи дигари муҳим: имрўз ҷавонон асосан аз интернет маълумот мегиранд. Аммо оё дар бахши миллии интернет мундариҷае, ки ҷавононро ҷалб мекунад, дар бораи таърих, фарҳанг ва арзишҳои мо маълумоти ҷолибу муътамад медиҳад, кофӣ аст?

Мутаассифона, мо ба ин савол ҷавоби мусбат дода наметавонем. Ҳамаи шумо, албатта, нағз медонед, ки дар ин самт дар назди мо чӣ гуна вазифаҳои бузург қарор доранд.

Дар мулоқоти имрўза бо як гурўҳи ҷавонони ташаббускор таҳти сарварии Меҳриноз Аббосова аз он шод шудам, ки онҳо дар Википедия – маъруфтарин энсиклопедияи электронии ҷаҳон беш аз 10 ҳазор мақоларо ба забони ўзбекӣ ҷой додаанд.

Аз фурсат истифода бурда, мехостам ба писарону духтарони мақсаднок — ватандўстони асил миннатдорӣ баён намоям. Лоиҳаҳои умедбахши онҳоро бояд ҳамаҷониба дастгирӣ кунем.

Бар асоси ин таҷриба барномаи рушди контенти миллии ўзбекӣ дар интернет амалӣ мешавад. Дар баробари ин, бояд ба шиносоии васеъ бо таърихи давлатдории миллии мо бо истифода аз маводи матниву видеоӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кард.

Мо инчунин оиди дар интернет офаридани пойгоҳи маълумот дар бораи 100 нафар гузаштагони бузург – олимон ва мутафаккирон, оммавӣ гардондани мероси маънавӣ ва эҷодии онҳо чораҳо меандешем.

То ба 100 ҳазор адад расондани миқдори мақолаҳо бо забони ўзбекӣ дар Википедия ва ҷойгир намудани маълумот дар бораи Ўзбекистон инчунин бо забонҳои хориҷӣ, бешубҳа, самараи мусбат хоҳад дод. Ба ин мақсадҳо 10 миллиард сўм ҷудо карда мешавад.

Ба ин кор ихтиёриёни фаъоли дорои дониши ҳаматарафаро ҷалб кардан, фаъолияти онҳоро рағбатнок кардан лозим аст.

Ба ин муносибат мехоҳам дар бораи боз як масъалаи муҳим истода гузарам.

Дар байни шумо нафароне кам нестанд, ки бо ватандўстӣ ва беҳтарин фазилатҳои инсонии худ барои бисёриҳо намунаи ибратанд.

Имрўз ҳаракати ихтиёриёни ҷавон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа васеъ паҳн мегардад. Ҳоло кори онҳоро Агентии оид ба ҷавонон ҳамоҳанг менамояд. Дар асоси ташаббуси ҷавонон ҳар сол Барномаи ҳаракат таҳия гардида, фаъолияти ихтиёриён дастгирӣ карда мешавад.

Ба тарбияи ҷавонон эътибор дода, мо бояд маданияти китобхонии онҳоро баланд бардорем. Ба ин мақсад пешвоёни ҷавонон дар маҳаллаҳо дар қисмати ҳар як кўча озмунҳои дўстдорони китоб, бозиҳои зеҳнии «Заковат» ва викторинаҳо ташкил мекунанд. Чунин озмунҳо бояд ҳар ҳафта дар маҳаллаҳо, ҳар моҳ дар ноҳияҳо ва ҳар семоҳа дар сатҳи вилоят гузаронда шаванд. Ҳамин тариқ, онҳо қариб 2 миллион нафар писарону духтаронро фаро мегиранд.

Дар баробари ин ҳокимони вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо ба ҳар як китобхонаи мактаб камаш як ҳазор адабиёти бадеии нав расонда медиҳанд.

Ҳамаи мо хуб медонем, ки варзиш дар тарбияи ҷисмонӣ ва маънавии ҷавонон нақши бағоят бузург дорад.

Чанде пеш дар минтақаи фароғатии кўли Тўдакўл марҳилаи ниҳоии мусобиқаи шоҳмот баргузор гардид, ки дар мусобиқаи интихобӣ зиёда аз 327 ҳазор нафар намояндагони ҷавонон иштирок карданд. Соли оянда дар ин ҷо мактаби байналхалқии шоҳмотро, ки ба андозаҳои ҷаҳонӣ ҷавобгў аст, сохта ба истифода медиҳем. Гроссмейстерҳои машҳури ҷаҳонро даъват мекунем то ба бачаҳо шоҳмотбозиро омўзонанд. Масъулият барои сари вақт сохта ба истифода додани ин мактаб ба зиммаи роҳбари комбинати маъдани кўҳии Навоӣ, сенатор Қувондиқ Санақулов гузошта шудааст.

Дар маҳаллаҳои ҷумҳурӣ мусобиқаҳо бинобар волейбол бо иштироки 631 ҳазор писарону духтарон, инчунин оид ба футбол ва мини-футбол – бо иштироки 671 ҳазор наврасон дар сатҳи баланд гузаронда шуданд. Ин мусобиқаҳо шавқу ҳаваси баланди ҷавононро ба варзиш нишон доданд.

Мо дар хусуси оммавӣ гардондани варзиш дар кишвар, ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш васеъ ҷалб намудани ҷавонон бисёр ҳарф задаем, чӣ қадар корҳоро ба анҷом расондаем. Аммо саволе ба миён меояд: оё мо ба натиҷаҳои чашмдошт ноил шуда истодаем, дар ин бобат ба кадом камбудиҳо роҳ дода мешаванд?

Ба фикрам вақти он расидааст, ки ин масъаларо аз нуқтаи назари танқидӣ дида баромада, чораҳои зарурӣ андешем.

Аз соли равон сар карда 36 федератсияи спортӣ, 274 мактаби варзишӣ якҷоя бо маҳаллаҳо, мактабҳои миёна, коллеҷҳо ва техникумҳо, ки дар ноҳияҳои онҳо воқеъ гардидаанд, кор пеш мебаранд. Дар ҳар як кўча, ҳар як маҳалла, мактаб, коллеҷ ва техникум командаҳо оид ба футбол, баскетбол, волейбол, тенниси рўйимизӣ, велосипедронӣ, давидан, шоҳмот, шашка ва дигар намудҳои варзиш ташкил карда мешаванд. Минбаъд ҳамаи мусобиқаҳои варзишӣ бинобар силсилаи «Маҳалла – ноҳия – вилоят – ҷумҳурӣ» гузаронда мешаванд. Албатта чунин кор аз пешвоёни ҷавонони маҳаллаҳо масъулият ва ташаббускорӣ талаб мекунад.

Барои он ки ислоҳоти мо як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти насли наврас гардад, бояд ба пешвоёни ҷавонон имкону салоҳияти бештар додан лозим аст. Ба фикрам, шумо ин пешниҳодро дастгирӣ мекунед.

Минбаъд ҳар сол барои 500 нафар фаъолтарин пешвоёни ҷавононе, ки ба шуъбаҳои ғоибонаи мактабҳои олӣ қабул шудаанд, пули шартномаи таълим аз ҷониби Агентии кор бо ҷавонон пардохта мешавад. Инчунин захираи кадрҳои ҷавони роҳбарикунанда ташаккул дода мешавад, ки 30 фоизи онҳоро роҳбарони ҷавони маҳаллаҳо ташкил медиҳанд.

Ман дар симои онҳо ҳокимону вазирони оянда, роҳбарони бонку ширкатҳои бузург, ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсиро мебинам.

Дўстони азиз!

Мо ба марҳилаи нави ислоҳот таҳти шиори «Мақсади асосии мо – таъмини устуворӣ дар ҷамъият ва рушди пайвастаи кишвар» ворид мешавем.

Дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав кор бо ҷавонон, ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо ва дастгирии ҳамаҷонибаро ба сифати маҳакҳои асосии ислоҳот муайян намудем.

Дар ин рўзҳо бинобар такмил додани Конститутсия бо баровардан ба муҳокимаи умумихалқӣ ислоҳоти муҳими сиёсӣ ба амал баровардa мешавад. Хурсандиовар аст, ки беш аз 70 фоизи таклифу ташаббусҳоеро, ки доир ба ин масъала расидаанд, маҳз ҷавонон ба миён гузоштаанд.

Албатта, Конститутсияи навшуда Конститутсияи шумост.

Дар Конститутсияи навшуда ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон низ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Ба ин муносибат мехостам ба шумо, ба тамоми насли ҷавони мамлакат муроҷиат намоям.

Ҳеч гоҳ фаромўш накунед, ки шумо бунёдкори Ўзбекистони Нав ва Эҳёи Сеюм ҳастед.

Мо минбаъд низ тамоми қувваю имкониятҳоро сафарбар мекунем, ки орзую умеди шумо баҳри ба чунин шараф сазовор шудан ва дар ҳаёт пайдо кардани мавқеи худ ҷомаи амал пўшад.

Бори дигар мехоҳам шуморо бовар кунонам, ки: ҳамчун Президент омодаам тамоми шароитро фароҳам орам, то шумо истеъдоду қобилият, орзуву умедҳоятонро амалӣ гардонед.

Воқеан, чуноне ки шоири барҷаста Ғафур Ғулом гуфтааст, халқи мо, Ватани мо омодааст, ки дар расидан ба ҳадафҳои олӣ, мақсадҳои наҷибатон такягоҳи шумо гарданд.

Дар ин лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш ман ҳамаи шуморо даъват менамоям:

беист хонед, ҳамеша дар ҷустуҷў бошед, донишу касбҳои замонавиро азхуд намоед!

Боварӣ дорам, ки ҷавонони тамоми минтақаҳои кишвар – аз Қароқалпоқистон то Андиҷон, аз Сурхондарё то Тошканд муттаҳид шуда, якҷоя барои Ўзбекистони Нав заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд.

Шумо, албатта, ба ин қодиред!

Ман ба шумо бовар дорам ва бо шумо фахр мекунам, фарзандони азизи ман!

Бори дигар ҳамаи шуморо табрик гуфта, бароятон саломатии бардавом, нерў ва муваффақиятҳои калон орзумандам.

***Дирўз – 30 июн ба муносибати Рўзи ҷавонон дар вилояти Сирдарё чорабиниҳои гуногуни маънавиву маърифатӣ, мусобиқаҳои варзишӣ баргузор гардид.***

## ҶАВОНОН — ОЯНДАИ МАМЛАКАТ

Дар шаҳри Гулистон аз субҳи содиқ ба масофаи 6 километр 1200 нафар ҷавонон ба пойга пардохтанд. Ин мусобиқа ба маросими ба истифода супурдани бинои "Ёшлар маркази"-и вилоят пайванд гардид.

Арзиши умумии лоиҳа 22 миллиард сўм буда, дар бинои муҳташам барои дониш андўхтани ҷавонон, сермазмун гузаронидани вақти холии онҳо тамоми шароит ба вуҷуд оварда шудааст. Дар марказ барои омўзиши забонҳои англисӣ, куриёӣ, компутер, тиҷорат, равоншиносӣ, санъати тасвирӣ ва амалӣ, мусиқӣ, пазандагӣ, бофандагӣ ва шоҳмот маҳфилҳо ташкил гардида, бо ҷиҳозҳои замонавӣ таъмин карда шудааст.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят Ғафурҷон Мирзоев, роҳбарони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ, намояндагони соҳаи таълим, масъулони ҳокимият, фаъолони Иттифоқи ҷавонон, вакилони ҷамоат ва донишҷўён иштирок намуданд.

Ғ. Мирзоев таъкид намуд, ки ғамхорӣ дар ҳаққи ҷавонон яке аз самтҳои устувори сиёсати давлат ба шумор меравад. Дар доираи панҷ ташаббусе, ки аз ҷониби Президент пешбарӣ гаштааст, корҳои муҳим ба амал бароварда мешаванд.

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят бо ҷавонон мулоқот намуд. Муроҷиат ва пешниҳодоти онҳоро шунид. Мулоқоти "Ҳоким ва ҷавонон" ба маросими тақдимоти мукофоти давлатии «Мард ўғлон» пайванд гардид. Ба ду нафар ҷавонони вилоят – Ёрқинҷон Ҳайитбоев ва Турсунмурод Мусурмонов мукофоти «Мард ўғлон» супорида шуд.

Ба муносибати Рўзи ҷавонон дар тамоми ноҳия ва шаҳрҳои вилоят чорабиниҳои гуногуни маънавиву маърифатӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ баргузор гардиданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

## ТОҶИКИСТОНИ ҲАМСОЯ РЎЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛИРО ҶАШН ГИРИФТ

***Рўзи Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон яке аз ҷашнҳои асосӣ аст ва ин таърих – 27 июни соли 1997 дар сарнавиштиояндаи ҷумҳурии ҷавони тоза ба истиқлол расида хеле аҳмиятнок аст. Аз ин боис ҷашни мазкур дар саросари Тоҷикистон ва намояндагиҳои сиёсии он дар хориҷи кишвар хеле бо шукўҳ ид карда мешавад.***



Аз ҷумла дар сафоратхонаи Тоҷикистон дар Тошканд низ бо ҳузури намояндагони аҳли адабу илм ва ҳунар як маҳфил ба ин муносибат барпо гардид. Сафири Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода зимни суханронӣ бобати ин ҷашни сарнавиштсоз иброз намуд, ки ба шарофати мусолиҳаи миллӣ байни ҳукумати расмии Тоҷикистон ва мухолифони сиёсии он замон қариб даҳ даври мулоқоту гуфтугўҳо барпо шуд.

Ин дидорҳо дар пойтахтҳо ва ҳатто дараҳои махуфи Афғонистон баргузор гардиданд, ки мақсад аз он якто буд – ба Тоҷикистон сулҳ овардан ва қатъи ҷанги бародаркушӣ.

То ин ки дар ин санаи таърихӣ дар Маскав шартномаи ду ҷониби даргир дар бораи мусолиҳа имзо гардад, қариб як миллион аҳолии ҷумҳурӣ аз бедодӣ ва даҳшати ҷанг ҷилои Ватан карда буданд ва мутаассифона беш аз 150 ҳазор нафар бар асари ин ҷанги бемаънӣ талаф шуда буд. Барои ҷумҳурии аграрии мисли Тоҷикистон дар ин нобасомониҳо ба ҳаҷми 2 млрд. доллар зарари иқтисодӣ дидан хеле латмаи эҳсосшаванда дар ҳаёти моддии ҷумҳурӣ буд.

Мақомоти расмии ҷумҳурӣ чанд солиояндаи наздикро ба саноатисозии мамлакат ихтисос додааст. Ва ин барномаи давлатӣ, мисли дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҷумҳурӣ фазои боз ҳам мусоидтари ҳаёти ҷамъиятӣ ва сармоягузориро ворид менамояд. Ин масъала аз он лиҳоз низ муҳим аст, ки қуввai корӣ дар мамлакат басанда аст ва ҳоло изофаи он ба микдори 600 ҳазор нафар дар Русия барои худ шуғл пайдо намудаанд.

Дар айни ҳол барои ҳукумати ҷумҳурӣ ин масъала, бо назардошти он ки афзоиши аҳолӣ зиёд асту дар таркиби он синни қувваи кории мардум бештар мебошад, аз вазифаҳои аввалиндараҷа аст.

Дар бобати саноатикунонӣ энергияи электирикӣ ҳамеша аз омилҳои муҳим аст ва аз ин боис ҷумҳурӣ бо далели он ки аз манбаъҳои об хеле хуб бархурдор мебошад, ин афзалиятро хуб ва муфид истифода намудан мехоҳад. Аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Зарафшон ду неругоҳи барқии обиро якҷоя бо ҷумҳурии мо хоҳад бунёд кард, ки аввалини он аллакай дар маҳалли Ёвони он оғоз ёфтааст.

Ин мувофиқа зимни сафари Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аввали моҳи ҷорӣ ба Ўзбекистон дар байни ёздаҳ ҳуҷҷати муҳим ба имзо расид, ки иқтидори он 140 мегаваттро ташкил менамояд. Бинобар далелҳои ҳамсоягӣ, муштаракоти зиёди фарҳангиву таърихӣ мардуми ду ҷониби сарҳад хеле имконоти фаровонро моликанд, ки дар ҳар соҳаи ҳаёти ҷумҳуриҳои ҳамдигар накш ва саҳми беандоза муҳим ва мутаассир дошта бошанд.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи сиёсии**
**«Овози тоҷик».**

*Сафари матбуотӣ*

## МАЗМУНУ МОҲИЯТИ КОРИ МАҲАЛЛАБАЙЪ

***Дар 299 маҳаллаи қаламрави вилояти Ҷиззах мувофиқи Дастур ва пешниҳодҳои сарвари давлат вазифаи ёрдамчии ҳоким ҷорӣ гардидааст. Коҳиш додани шумораи бекорон, ба соҳибкорӣ ҷалб сохтани аҳолӣ ва бо ин роҳ маҳви камбизоатӣ аз вазифаҳои асосии ёварони ҳоким маҳсуб меёбад.***

Баъди ба фаъолият оғоз намудани ёрдамчиёни ҳоким ва тарзи маҳаллабайъи кор чӣ тағйирот ва беҳбудие дар ҳаёти мардум ба бор овард. Бо мақсади аз наздик ошно намудани ин корҳо хидмати дафтари матбуот бо ҳамкории масъулони ҳокимияти вилоят барои рўзноманигорон ва блогерҳо сафари матбуотӣ (пресс-тур) созмон дод. Дар аввал муовини аввали ҳокими вилоят оид ба иқтисодиёт ва коҳиш додани камбизоатӣ Абдувалӣ Мустанов бо ҳамроҳии масъулони сарраёсати иқтисодиёт дар бораи корҳое, ки то ин дам баҳри ба соҳибкорӣ ҷалб намудани аҳолӣ, дараҷаи бо шуғл бандкунӣ чанд ҳарф зад.

– Дар 299 маҳалла аз рўйи дараҷаи зиндагии мардум се навъ дафтар шакл гирифт, яъне ба танзим даровардa шуд. Мо корҳоро қабл аз ҳама аз рўйи ин супориши сарвари давлат, ки идоракунии давлатиро то ба сатҳи маҳалла поён мефурорам, гуфта буд, амал намуда, иҷро хоҳем кард. Ёрдамчиёни ҳоким ҳам фаъолияти хешро дар асоси ҳамин се дафтар пеш мебаранд.

Корҳои ба танзим даровардани оилаҳоро бо 234 ҳазор хонадон шурўъ намуда бошем, айни замон ин нишондиҳанда ба 243 ҳазор расидааст,– гуфт А.Мустанов.

### Маркази касбу ҳунаромўзӣ

Муассисаи нахустине, ки ходимони ВАО ва блогерҳо дидан карданд, Омўзишгоҳи меъморӣ ва сохтмон воқеъ дар маҳаллаи «Қаллия»-и шаҳри Ҷиззах мебошад. Дар ин ҷо тибқи пешниҳоди муассисаҳои бандкунии шаҳру ноҳияҳо ҷавонони муваққатан бекор тўли се-чор моҳ касбу ҳунар меомўзанд. Кор дар сохтмон, кранҳои борбардор, кафшергарӣ, дуредгарӣ ва ба ҳамин монанд ҳунарҳоро дар ин ҷо аз бар менамоянд. Маркази касбу ҳунаромўзӣ барои 250 нафар хобгоҳ дорад, ошхона низ. Омўзгорони Донишкадаи политехникӣ омада дарс мегузаранд...

### Яке аз ҳафт хазина

Корхонаи паррандапарварӣ бо номи ҶММ « Zarbdor parranda» дар маҳаллаи «Шарқ юлдузи»-и ноҳияи Зарбдор воқеъ аст. Дар 1,8 гектар майдон паррандапарварӣ ба роҳ андохта шудааст. Ба 41 хонадон ба тариқи кооператсия чўҷаҳо додаанд. Хурокаи паррандаи навъи бройлерро саривақ расонида медиҳанд. Ёрдамчии ҳоким дар ин маҳалла Илҳом Эркабоев бо рафти корҳо ҳозиринро ошно сохт. Барои бо сифат нигоҳ доштани гўшти паррандa яхдони садтоннагӣ ба кор андохтаанд. Мо аз як-ду хонаводае, ки бо ҳамкории ҷамъияти мазкур паррандa мепарваранд, шинос гардидем.

### Моҳӣ намедиҳем, балки моҳигирӣ меомўзонем

Дар ин маҳалла бо кумаки молиявии «Агробанк» барои чил хонавода ҳавзи об сохта шудааст, ки бо моҳигирӣ шуғл варзанд. Барои ҳар як оила чорҳавз, ҷамъ 120 ҳавзи об ҷудо карда шудааст. Ин ҳавзҳо оддӣ, болокушода мебошанд. Абдувалӣ Мустанов, ки моро ҳамроҳӣ мекард, гуфт:

Ҳоло ин оилаҳо аз нигоҳи иқтисодӣ навакак қомат рост мекунанд, аз ин рў ҷоиз нест, ки сарборӣ кредит диҳем, хароҷотҳояшро дучанд афзун намоем. Оби ҳавзҳоро саривақт иваз мекунанд. Навъи маъруфи моҳии сазан парвариш меёбад ва ба бозори дохилӣ бароварда мешавад.

### Оилаи гулпарвар

Шарофат Нориева аз зумраи соҳибкорони номӣ натанҳо дар қаламрави вилоят, балки дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Ў дар ихтиёри худ хоҷагии фермерии ғаллаву пахта дорад. Беш аз бист сар бузони голландӣ аз Австралия овард. Дар маҳаллаи «Олмачӣ»-и ноҳияи Шароф Рашидов кластери гулпарварии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд таъсис додааст. Даҳҳо тан бонувон дар курсҳои кўтоҳмуддат дар ин ҷо нозукиҳои гулпарвариро аз бар менамоянд. Аз хориҷа бар ивази даҳҳо миллиард сўм гул харида оварда, парвариш менамояд.

– Ин тоифа соҳибкорон танҳо барои фаровонии рўзгори одамон ғам мехўранд, – гуфт ҳангоми суҳбат мудири шуъбаи мувофиқсозии Фонди ба соҳибкорӣ ҷалб намудани аҳолӣ дар Агентии кор бо усули маҳаллабайъ ва рушд додани соҳибкорӣ Умед Абдуллоев. – Бубинед, дар худи ҳамин ҷо намои кўҳсори Зоминро ба вуҷуд овардааст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

## ХАБАРҲО

### ЧЕРНОГОРИЯ – БОЗ ЯК МАМЛАКАТИ ДЎСТ

***Дар ба роҳ гузоштани муносибатҳои дипломатӣ байни Ўзбекистон ва Черногория нахустин қадамҳо гузошта шуданд. Дар Вазорати корҳои хориҷӣ байни расмиёни ду давлат музокирот ба амал омад.***

Масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногун дида баромада шуданд. Сафири Фавқулодда ва Мухтори Черногория дар мамлакатамон Милорад Шепанович, ки эътимодномаи кишвари худро ба вазири корҳои хориҷӣ Владимир Норов супурд, таъкид сохт, ки Ўзбекистон аз кишварҳои пешрав дар минтақа мебошад. Рушди муносибатҳо дар самтҳои иқтисодию сиёсӣ, хусусан соҳаи сайёҳию дорусозӣ ба ҳарду ҷониб манфиатҳо хоҳад овард.

Черногория, ки аз ҷавонтарин давлатҳо дар Аврупост, бо металлургияи рангаи худ дар бозори ҷаҳон мавқеи алоҳида дорад. Барои равнақи муносибатҳои дуҷониба байни кишварҳоямон имкониятҳо васеъанд, қайд карда шуд дар гуфтушунид.

Масъалаҳои байналхалқӣ, аз ҷумла вазъияти Афғонистон, айни замон, мавриди муҳокима қарор гирифт.

### НОГИРОҲО – МАВРИДИ ЭЪТИБОР

***Ҷавононе, ки имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд аст, маънавияти бой доранд. Мутаассифона, онҳо бинобар сабабҳои маълум дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии давлат шахсан иштирок карда наметавонанд. Вале ҳеҷ вақт аз эътибор дур нестанд.***

Мувофиқи қарори Девони Вазирон аз 21 июн ногироҳо дар масъалаҳои зист, таҳсил, истифода аз нақлиёти ҷамъиятӣ аз имтиёзҳои ҷудогона истифода карданашон мумкин. Ба ҷавононе, ки ба соҳибкорӣ майл доранд, 15 миллионсўмӣ субсид ҷудо карда мешавад.

Нуктаҳои ин қарор, аз ҷумла, дар ноҳияи Бектемири шаҳри Тошканд ба амал татбиқ мегардад. Ба наздикӣ 8 нафар маълулон бо хонаву ҷой таъмин карда шуданд. Тўйи хонадории чаҳор нафар аз ҷониби ҳомиён ташкил гардид. Барои дар муассисаҳои таълими олӣ таҳсил намудани ногироҳо низ имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд. Барои барқарорсозии саломатиашон ба даргоҳҳои муолиҷа роҳхатҳо бепуланд.

Ногироҳо аз рўи масъалаҳои гуногун ба марказҳои хидматҳои давлатӣ муроҷиат ё дар шакли электронӣ худро номнавис карда метавонанд.

### КАРНАВАЛ ДАР РЎЗИ ҶАВОНОН

***Рўзи ҷавонон дар ҳудудҳои гуногуни ҷумҳурӣ хотирмон қайд карда шуд. Дар доираи моҳонаи ҷавонон, аз ҷумла дар пойтахт "Карнавали ҷавонон–2022" баргузор гардид.***

Шоҳкўчаҳои Буюк Турон, ба номи Ислом Каримов ва Алишер Навоӣ намуди идона гирифтанд. Дар байни бештар аз 20 ҳазор нафар иштирокдорон намояндагони касбҳои гуногун, хусусан дизайнерҳо, блогерҳо, шифокорон, ҳунармандон ва ғайра барои завқбахш сурат гирифтани чорабинии идона саҳм гирифтанд.

Карнавале,ки аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Тошканд, Агентии кор бо ҷавонон ва наздик 200 нафар эҷодкорони ҷавон ташкил гардид, ба аҳолӣ ва меҳмонони пойтахт таассуроти нек гузошт.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

# СЕҲРИ ОҲАНГУ СУРУД, СЕҲРИ СУХАН

***Баъзан ба саволи оё сеҳр ҳаст ё нест ҷавоб дода наметавонем. Аммо, ба фикри ман, сеҳр мавҷуд – сеҳри сухан, сеҳри оҳангу суруд, сеҳри меҳру муҳаббат, ки инсонро ба олами афсонавӣ ҳидоят мекунад.***
***Вақте бо ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон Матлуба Дадабоева суҳбат оростем, бори дигар ба ҷозибадории оҳанг, мазмуну моҳияти инсонпарварона доштани шеъру суруди хонанда гувоҳ гардидем.***



– Модарам Хайринисо Калонова овози форам дошт. Ҳангоми иҷрои корҳои рӯзгор албатта сурудеро хиргоҳӣ мекард. Дар тӯю шабнишиниҳои занона ба ҷону ҳолаш намонда, суруд хон мегуфтанд. Бахусус, доирaро хеле хуб менавохт. Падари модарамро Калонбойҳофиз мегуфтанд. Маро низ "дар хунаш ҳаст-дия, сеҳру ҷозибаи овоз аз бобою модараш гузаштааст" мегӯянд. Аз ин мефахрам, – мегӯяд Матлуба Дадабоева.

– Бачагиям ба солҳои 60-70-уми асри гузашта рост меояд. Он рӯзгор барои духтари деҳотӣ сароидану рақсидан, санъаткор шудан душвор буд, нигоҳҳо ғаразнок буданд. Ба интихоби ман падарам норозӣ буд, аммо мисле ки нишонаҳои истеъдод доштаам, модарам гуфт: "Орзуву ормонҳоямро духтарам ба амал барорад, истеъдодашро поймол накунем". Баъд аз илтиҷоҳои модарам падарам ба санъаткор шудани ман розӣ шуд.

**– Ба зодгоҳатон – деҳаи Варзик зуд-зуд меоед. Ёди диёру ҳамдеҳагон ба ин ҷо мекашад, ҳамин тавр?**

– Албатта, бачагӣ, хонаи падару модар, наздикон, ҳамдеҳагонро пазмон мешавам. Ба зодгоҳ зуд-зуд оям ҳам, атрофиён вохӯриҳо, шабнишиниҳо ташкил карда, маро таклиф менамоянд. Ба дидорбинии дугонаҳо, ҳамсинфонам бо пазмониҳо мешитобам. Дар мактабу ҷамъомадҳо суруду таронахонӣ ва хиромидани духтараконро дида, бачагиамро ба хотир меорам. Ҳар сафар ба деҳа оям, онро дигаргун мебинам. Кӯчаҳои равон, ду тарафи он гулу райҳон, дарахту арчазор. Дар маркази деҳа бинои мухташами замонавии Маркази маданият қад рост кардааст, ки ба ободии деҳа афзудааст. То рӯзҳои наздик биноҳои зебову баландро танҳо дар шаҳрҳо медидем. Мардум бо хотири ҷамъу табъи болида аз пайи зиндагии худ ҳастанд. Албатта, ҳамаи ин ба шарофати Истиқлолият, осоиштагии диёр аст. Боиси хурсандист, ки дар назди маркази маданият дастаи фолклорӣ иборат аз занону духтарон созмон ёфтааст. Ба даста "Хайринисомомо" ном гузоштанашонро фаҳмидаму аз чашмонам ашки шодӣ рехтанд. Ин аз он далолат медиҳад, ки халқи мо санъатро дӯст медорад, санъаткорро қадр менамояд. Якҷоя бо дастаи фолклор суруд хондем.

**– Бешубҳа, қадами аввали шумо ба саҳна дар мактаб, дар давраи ҳамдеҳагон ба вуқӯъ омада буд...**

– Бале, дар ҷамъомаду маҳфилҳо, суҳбату мушоираҳои адабии мактаб фаъол иштирок мекардам. Дар чорабиниҳои ноҳиявию вилоятӣ суруд мехондам. Дар синфи 8-ум мехондам, воқеае, ки рӯй дода буд, барои ман ҳаяҷонбахш ва фаромӯшношуданист. Бо як гурӯҳ ҳамсафони намангонӣ дар озмуни ҷумҳуриявии ҷавонони боистеъдод иштирок намудам. Ҳамон вақт "Ушшоқи Самарқанд"-ро иҷро кардам. Ҳайати ҳакамот ҷойи дуюмро муносиб донистанд.

**– Дугонаҳоятон мегӯянд, ки Матлуба на танҳо сароянда аст, балки дар қироати шеъру ғазал низ маҳорати баланд дорад...**

– Муаллимонам ба ман бовари зиёд доштанд. Матни тоҷикиву ӯзбекии шеъру ғазалҳои беҳтаринро оварда, супориш медоданд, ки азёд кунам. Баъди хатми мактаби миёнаи рақами 13-уми деҳа, ба факултети мусиқӣ-драмавии Институти театр ва рассомии ба номи Маннон Уйғури Тошканд дохил шудам. Солҳои донишҷӯӣ аз Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Асад Азимов, Вера Сундукова ва Илмира Пятигорская барин устодони забардаст сабақ гирифтам, маҳорати овозхониро омӯхтам.

**– Барои занҳое, ки дар соҳаи санъат, умуман занҳое, ки дар корҳои гуногун фаъолият мебаранд, масъулият зиёдтар аст. Оила, рӯзгор, тарбияи кӯдакон...**

– Албатта, ҳар як кор мушкилиҳо дорад. Бахусус, барои санъаткор. Чунки бисёртар дар чорабиниҳо, машқ, ҷараёни наворгирӣ, сафарҳои эҷодӣ ва ғайра ҳастем. Зан набояд фаромӯш кунад, ки ӯ аввало модар, кадбонуи оила аст. Тарбияи фарзанд, солиму комил ба воя расонидани онҳо, кадбонуи оила шуданро ҳар як зан мехоҳад. Шодравон шавҳарам низ дар соҳаи санъат кор мекард, маро дастгирӣ мекард, дар тарбияи духтаронам Шоиста, Хуршеда, Ҳуснобод ва Умеда бо ман ҳампаҳлӯ буд. Пастию баландӣ, камию костии рӯзгорро баҳам дидем.

**– Ҳамдеҳагонатон бо шумо фахр мекунанд. Мегӯянд, ки «мо варзикием, бо апаи Матлуба барин санъаткори номдор ҳамдеҳаем».**

– Дарҳақиқат, ба туфайли истиқлол ба мо насиб гардид, ки дар дунё барномаҳои консертии худро намоиш диҳем. Ҳангоми сафарҳои эҷодӣ ба давлатҳои Аврупо, АМА ва дигар кишварҳо гувоҳи он гардидам, ки халқҳои дунё ба санъати миллии мо таваҷҷуҳи зиёд доранд. Дар ҷашнвораи байналхалқии "Таронаҳои Шарқ", ки ба тарзи анъанавӣ дар шаҳри Самарқанд гузаронда мешавад, мунтазам иштирок менамоям. Беҳуда "Самарқанд сайқали рӯйи замин аст" нагуфтаанд. Ба Самарқанд арӯс шуда омадам, бахти оилавӣ, бахти модариро аз ин ҷо ёфтам. Соли 2007 айнан дар ҳамин шаҳр хабари бо унвони Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон тақдиронида шуданамро фаҳмидам. Ҳамон вақт ашкҳои шашқатори чашмонам рухсорамро шустанд ва албатта, он ашки шукрона, ашки миннатдории як зани оддии деҳотӣ буд. Бояд ёдовар шавам, ки ҳамон вақт бори аввал маро устодам Камолиддин Раҳимов (охираташон обод бод) аз номи намангониҳо табрик гуфта буданд.

**– Ниятҳои шумо ба ҳамдиёронатон чист?**

– Ҳамчун модар мехоҳам дар рӯйи замин сулҳу салоҳ ҳукмрон бошад, падару модарон ғаму ташвиши фарзандонро набинанд. Ҷавононояндаи Ватан ҳастанд, аз имкониятҳои имрӯза, ки барои онҳо мавҷуд аст, бояд босамар истифода баранд.

**– Барои суҳбати пурмазмун ташаккур.**

Суҳбаторо
**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Бонувони суханҷӯ*

# «ДУХТАР»-И БУХОРО ШУДА ТАВОНИСТ



***Чандин вақт инҷониб дар бораи мухбири телерадиои давлатии Бухоро Матлуба Одинаева чизе нияти иншо кардан дар дил доштам. Ду сол инҷониб бо ӯ ҳамкорӣ дорему дар таҳияи намоишу барномаҳои тоҷикии телерадиоканали вилоятӣ иштирок мекунем.***

Рӯзе Матлуба дар бораи зодрӯзи Устод Айнӣ намоише сабт мекард, ки журналисти ботаҷриба Ибодат Раҷабова гуфт:

– Бинед вайро, ҳамсуҳбаташро чӣ хел бо саволҳои кунҷковонааш «ғалбер» мекунад. Э қойил-е, барака ёб Матлуба, – ва дар охири наворгирӣ қарсакзанон вайро табрик намуданд.

Ҳамон лаҳза худ ба худ фикр кардам. Дар бораи вай чизе навиштан кори сода нест! Ман худам вайро мешиносам?!

Таи чанд сол мешавад, ки ҳамкорӣ дорем, аммо ӯро қабл аз он танҳо бо воситаи пардаи телевизор ё эфири радио мешинохтам. Охир чанде пеш солҳое буданд, ки барои забони модариамон дари идораҳо баста буданд, аммо ӯ ҳамон солҳо ҳам микрофон дар даст боумедона вазифаи худро шарофатмандона адо мекард. Вайро гоҳо ҳамроҳи чӯпонон дар дашт, гоҳо назди деҳқонон дар саҳро, гоҳо дар ҳузури шоирону гоҳо дар ҳузури олимон, гоҳ дар харобаҳои талу теппаҳои қалъаҳои матруку вайрон, ки сокинони он ҷоҳо таърихи макони хешро, ки моли ривояту афсонаҳо шудаанд, аз пардаи телевизион мебинанд...

Дар Маҳаллаи Боло корҳои наворгирӣ ба охир расиду гурӯҳи эҷодиро ба як пиёла чой таклиф намуданд. Азбаски моҳи рамазон буд ва бандаю Матлуба бо ҳамроҳии ҷияни Устод Айнӣ, муаллими собиқадор Исҳоқ Толибов сари кӯча ба ҳангома андармон будем, дарвозаи яке аз ҳавлиҳо кушода шуду момои солхӯрдае берун шуда, пешамон омад. Вақте ки назди мо расид, саломаш додем. Ӯ ҷавоб гуфту сар бардошта сӯи мо нигаристу офтоби чеҳрааш рӯй боз карда:

– Ибӣ, ман гардам аз шумо, Матлуба-мӣ? – гӯён омада ӯро ба оғӯш кашид.

– Ман қурбони забони ширини шумо шавам, бегоҳии рӯзи шанбеву пагоҳии якшанбе фақат намоиши шуморо аз телевизиони «Бухоро» тамошо мекунам. Ин вақт касе ҷуръат надорад, ки тамошои канали дигар кунад. Ҳатто набераҳои шӯхам ҳам то тамом шудани барномаи «Паёми рӯз» аз тамошои мултфилмҳо худдорӣ мекунанд... Канӣ як пиёлак чойба марҳамат кунед, э-э хотири пирӣ монад, рӯзи рамазон чиҳо мегӯям, шаб монда дар хонаи мо ифторӣ карда меравед...

– Ҷон гуфта мемондаму онаҷон, лекин камераи наворгириамон дар як рӯз чанд вазифаро бояд иҷро кунад, – ваҷҳ меорад Матлуба.

– Шуморо дар телевизор дида ҳузур мекардем, ҳоло аз қадами шумо ба кӯчаамон файз даромад, меҳмон шавед, – момо ҳамон истодагарӣ мекард...

Ҳамон рӯзҳо кадом як олими турк ба Бухоро омада, қабри Афросиёбро бозёфт кардааст. Аммо дар як намоиши телевизионӣ мо далелҳои зиёду басанда овардем, ки инро ҳанӯз соли 1950 Устод Айнӣ ба аҳли илм ва мардум маълум карда буд. Ба ғайр аз ин дар ин бора Садриддин Салими Бухорӣ дар чандин китобаш хотиррасон карда, боз дар китоби «Кӯҳна ва боқӣ Рометан»-и Т. Ҳалимов ва «Шоҳнома ва Туронзамин таърихи»-и А.Темиров оиди қабри Афросиёб дар Бухоро гуфта шудааст. Бо Матлуба якҷоя оиди харобаҳои қалъаи Ҳазорнур (ин ҷоро қароргоҳи Спитамен медонанд, ки ба муқобили Искандар мубориза бурдааст), қалъаҳои Зандане, Ҳазрати Султони Олам, Хутомимеми қадим (дар деҳаи Хоҷа), боқимондаҳои изи Роҳи абрешим (дар деҳаи Маҳаллашерон), оиди эҷоди Фитрати Вардонзе, Арки Бухоро ва таърихи сарнавишти Сиёвуши Валӣ, эҷодиёти даҳонакии мардуми Шофиркон (иҷрои аллаи модарон ва таърихи «Саломнома»), номи Бухоро, ҳунари қуроқдӯзӣ ва дигар мавзӯъҳо даҳҳо намоишро пешкаши тамошобинон кардаем.

Матлуба Одинаева хидмати маданӣ, худогоҳӣ ва маънавии мардуми Бухороро карда, худи онҳоро ба худашон мешиносонад. Ба ростӣ, барои аҳли Бухоро барномаҳои тоҷикии телерадио ягона манбаи дастрасӣ ба дунёи маънавиву маданӣ ва адабӣ аст, ки ба забони модарии худ мебинанду мешунаванд. Аз ин ҷост, ки маҳбубияти Матлуба дар байни мардуми фарҳангдӯсти Бухорои Шариф махсусан фавқулодда аст.

Ӯ ду писарро ба воя расонид. Соҳиби хонаву дар кард. Баъди бисту ҳафт соли бозгашташ аз хориҷа ба Бухоро «шаҳрванди Ӯзбекистон» гардид. Аъзои фахрии Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон шуд. Аз ҳама муҳимаш, дар дилу дидаи мардуми Бухоро маъво гирифта, «духтар»-и Бухоро шуда тавонист.

Боз чӣ гуфтанӣ будам... Мардуми Бухорои Шариф ва гирду атрофи он, ки аксар тоҷикнишинанд, навбат поида, рӯзҳои тантанаву сурашон ду даҳанак аз «апаи худашон Матлуба» сухани тоҷикии поку ноб шунавидан мехоҳанд, чунки имрӯз чунин шудааст, ки дар ин гаҳвораи тамаддунамон фасеҳу равон тоҷикигӯву тоҷикинавис мисли тухми анқо гаштааст. Ин барои ҳар кас бахти бузургест.

Матлуба дар байни мардум, аз барои мардум, дар хидмати мардум ҳамеша камарбаста аст.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**
*БУХОРО.*




*МАСЛИҲАТҲОИ МУФИД БА БОНУВОН*

# «САРФАГАРИ САРИ ОТАШДОН...»

Афзудани нархи шакар ва дар мағозаҳо пайдо гардидани навбатпоӣ бонувонро парешон кард. Ба ташвиш афтоданд, ки акнун барои зимистон тайёр намудани мураббою компот душвор мешавад. Занҳои оқилаву сарфагари сари оташдон ин муамморо ба таври худ ҳал карданд. Онҳо бе шакар барои зимистон меваро захира мекунанд.

Инак, таҷрибаи чанде аз онҳоро пешкаши хонандагон мегардонем.

## Олуболу дар яхдон

**Назифа РОФЕЕВА, сокини маҳаллаи Хаймари Поён:**

– Барои ин намуди захира олуболуи тару тоза, зарфи пластикии (бакалашка) 0,5 ва 1 литрӣ лозим. Баробари аз дарахт кандани олуболу онро бо латтае пок мекунем (намешӯем). Дар зарфи пластикии хушк андохта, даҳонашро маҳкам мекунем ва дар яхдон мегузорем. Олуболу дар яхдон то зимистон як хел меистад. Пеш аз истеъмол онро аз яхдон гирифта мемонем. Дар ҳамин сурат ҳатто дар зимистон олуболуи тару тозаро истеъмол менамоем.

Зимистон, ки шакар арзон шуд, бонувон метавонанд аз он мураббо ё компот тайёр кунанд.

## Мураббои бешакар

**Нодира ТОШПӮЛОДОВА, сокини маҳаллаи Гулобод:**

– Барои тайёр кардани ин гуна мураббо аввал зарфҳоро шуста, дар офтоб мегузорем. Сипас, зарфу сарпӯшҳоро дар оби тоза меҷӯшонем.

Олуболуро шуста, дар зарфҳо ҷойгир мекунем. Ба ҳар кадом зарф ним пиёлагӣ оби ҷӯш меандозем. Болои бонкаҳоро бо сарпӯш пӯшонида, дар зарфи калон ним соат меҷӯшонем. Баъд даҳони зарфҳоро маҳкам мекунем. Як рӯз онҳоро чаппа карда мемонем. Рӯзи дигар дар таххона ё ҷои салқин нигоҳ медорем.

Дар зимистон ба ин гуна олуболу камтар шакар илова карда, ҷӯшонда, мурабою компот тайёр кардан мумкин.

## Ба ҷойи шакар намак

**Роҳатой АКРАМОВАИ 82-сола:**

– Барои тайёр намудани ин гуна хӯриш олуболу ва намак лозим аст.

Аввал донаки олуболуро ҷудо мекунанд. Дар зарфҳои хурд камтар олуболу андохта, аз болояш намак мерезанд. Дар ҳар қабат ин ҳолро такрор мекунанд. Сипас, даҳони бонкаро сахт маҳкам карда, дар ҷои салқин мегузоранд.

Бо оши палав истеъмоли он хушхӯр аст. Барои касоне, ки аз бемории қанд азият мекашанд, фоида дорад.

***

Дар урфият "Сарфагари сари оташдон, беҳ зи савдогари Ҳиндустон" гуфтаанд, ки дурусту барҷост. Агар бонувон сарфагар набошанд, баракоти савдову тиҷорати ҳар марди тоҷиру бузург ба касод меояд. Маслиҳате, ки аз бонувони ботаҷриба омӯхтем, як навъ кӯшишест барои ба таҳлукаву ноумедӣ наафтида, меваро убол накардан аст.

**Дилрабо НАСИМӢ,**
*ноҳияи САМАРҚАНД.*

# ШИРИНИПАЗИҲОИ ЗАМОНИ СОМОНИЁН

***Ҷойгоҳи зан – модар ҳанӯз аз оғози таърих мақоми шоистаеро соҳиб буд. Аз давраи қадим тарзи омодасозии таомҳои гуногун дар байни занон ба таври васеъ паҳн шудааст. Аз ҷумла, шириниҳо, ки барои ҷашну маросимҳо бештар омода мекарданд, тавассути рангорангии худ дасторхонро оро медоданд.***

Дар давраи Сомониён низ занон барои ороиши суфра таомҳои миллӣ ва шириниҳои гуногун мепухтанд, ки ин меҳнати зиёд талаб мекард.

Ҳангоми пухтани ширинӣ духтаронро низ ба он ҷалб мекарданд ва ба воситаи ин ҳунари пазандагиро аз насл ба насл интиқол медоданд.

Занони бухорӣ, ки дар ҳама ҷабҳаҳо фаъол буданд, дасторхонро низ хуб оро медоданд. Дасторхони бухориён ҳамеша аз анвои шириниҳо пур буд, зеро онҳо далели сулҳу осоиши ҷамъият маҳсуб меёфтанд. Тавре ки Ибн аз-Зубайр дар «Аз-Захоир» қайд мекунад, занони бухорӣ беш аз даҳ анвои шириниро омода менамудаанд.

Яке аз инҳо ширбиринҷ аст, ки аз ширу биринҷ ва шакар тайёр карда мешавад ва ин усули пухтани ширбиринҷ то даври мо омадааст. Ҳалвои мавизин, ки қисми асосиаш аз мавиз буда, ба он чормағз, пистаи хандон ва кунҷит илова мекарданд, аз хуришҳои болаззат буд. Боз як намуди ҳалвои дигари мавизин аз шарбати меваҳои хурмо ва ангур омода карда мешуд. Ҳалвои лафз – ҳалвои бодомӣ, чуноне ки дар «Ятимат-ут-даҳр»-и Ас-Саолибӣ омадааст, навъҳои хушк ва форсии он омода карда шудаанд. Ин навъи ҳалворо аз оби садбарг, шакар ва бодоми кӯфта бо роҳи даромехтан бо хамир ва равғани писта мепухтанд. Ҳалвои яхак – мармелади имрӯза бошад, бо ба ҳам омехтани хурмо ё ангуру равған таҳия карда мешуд. Боз як намуди ширинӣ – қиёми ғафс аз асалу шиннӣ омода мегардад. «Буҷулаки оҳу»-ро бо роҳи ба ҳам омехтани чормағзу шакар, мавиз ва долчини резакарда тайёр мекарданд. Ҳалвои арзанак, ки дар ҷашнҳо зеби суфра буд, аз омехтаи орди арзан, равған ва шакар пухта мешуд. Шva ширинии дигар – машаш, яъне қиёми асали сахтшуда аст. Анвои ҳалвоеро, ки мисли ангуштони даст аст, «ангуштони Зайнаб» меномиданд.

Асалхурмо ширинии мебошад, ки бо ба ҳам омехтани асалу хурмо пухта мешавад. Ҳалвои хурмо ва равғани зард, ки Ал-Масъудӣ дар «Мирвоҷ-уз-заҳаб» овардааст, бо ба ҳам омехтани асалу хурмо тайёр карда шуда, дасторхонро оро медод. Ҳалвои дигаре, ки аз тарафи занони бухорӣ таҳия карда мешуд, ҳалвои таранҷабинӣ – таранҷабин (янтоқшакар) ном дошт. Шарбати ширине, ки аз растании хордоре бо номи «ҳоҷул» ҳосил мегардад, пеш аз тулӯи офтоб ҷамъоварӣ карда мешавад. Аз он ҳалвое, ки «манна» ном дорад, таҳия мешавад.

Хулоса, аз давраи Сомониён то даври мо шириниҳои зиёде расида омадаанд, ки ворисони тоҷикон онҳоро ҳанӯз таҳия ва тановул мекунанд. Дар шароити имрӯза, ки воситаҳои нави техникӣ рушд ёфтааст, барои бонувон омода намудани таомҳои миллӣ ва шириниҳои гуногун хеле осон гаштааст. Аз ин боис, мо бояд мероси аҷдодамонро ҳифз намоем.

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ба номи Абурайҳон Берунӣ.**

# НУР ВА ЗУЛМАТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Барои ӯро фаромӯш кардан низ таклифи Кишорро пазируфт. Соли 1960 тӯйи арӯсии онҳо барпо гашт. Лекин дар пеши назари арӯс – ҳамон Дилип!

Мадҳур менависад: «Соли 1966 Дилип Сайрабонуро ба занӣ гирифт. Аламҳои апаам тоза гашт. Гирист. «Ба ман не, ба Сайра насиб кард Дилип. Сайра аз ман зеботар аст-а?»

Боз мегуфт: «Сайра – духтари зебо, садоқатманд. Хурсандам!» Вале оби дида мерехт...»

Мадҳубала дар «Рӯзи дӯстдорон» – 14 феврал ба дунё омада буд. Ошкоро гуфта буд: «Бо муҳаббати Дилип зиндаам».

Тимсоли зебоӣ буд актриса. Мегуфтанд «Мадҳубала маликаи Осиёст».

Вале ба вай дар айни гулшукуфти умр ва авҷи камоли эҷод нур не, зулмат насиб кард.

**Ш. МУҲАММАД.**

*Ҷавонони мо*

# ОМӮЗГОРӢ – ОРЗУИ ФАРАНГИС



***Дар сурат: Фарангис Акабоева** ва устодонаш.*

Дар шуъбаи маънавият ва фарҳанги ҳокимияти ноҳияи Нурато ҳокими ноҳия А. Файзиев бо иштироки дигар роҳбарони секторҳо бо хатмкардагони мактабҳои таълими ҳамагонии ноҳия вохӯрӣ гузаронд ва ба онҳо медалҳои тилло, нуқра ва туҳфаҳои хотиравии худро супурд.

Дар соли хониши 2021-2022 дар ноҳия 746 нафар хонанда муассисаҳои таълими ҳамагониро хатм намуданд. Аз онҳо 41 нафар ба медали тилло ва 14 нафар ба нуқра лоиқ дониста шуданд.

Ҳамчунин, 12 нафар хонандаи боиқтидор дар озмунҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ба ҷойҳои 1, 2, 3 соҳиб шуда, пеш аз муҳлат ба номи донишҷӯй мушарраф гардиданд.

Мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Б. Бобоназаров ба мактабҳои миёнаи ноҳия рафта, бо хатмкунандагони синфи 11-ум ва падару модари онҳо суҳбатҳо гузаронд, ба хатмкунандагон доир ба масъалаҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълими олӣ ва самтҳои интихобнамудаи онҳо тавсияҳо дод. Инчунин, ба хатмкардаи синфи 11-уми мактаби миёнаи 38-уми (деҳаи Синтаб) ноҳия, ғолиби давраи вилоятии озмуни фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, иштирокчии озмуни давраи ҷумҳурӣ Фарангис Акабоева, ки соҳиби ваучери 20 миллион сӯм гардид, ташаккурнома ва туҳфаи хотиравии ҳокими ноҳияро ботантана супорид.

Солҳои охир сафи духтарбачаҳои деҳаҳои дурдаст, ки ташнаи илм ҳастанду таҳсилро идома додан мехоҳанд, хеле зиёд мегардад. Аз ҷумла, Фарангис Акабоева мехоҳад ба факултаи филологияи тоҷики ДДС дохил шуда, соҳиби касби бошарафи омӯзгорӣ гардад.

**С.БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.